«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон,
профессор Хушвахтзода Қ.Х.
________________________
«20» майи 2020 с.

ХУЛОСА

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи «Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Сафарализода Далери Сайдаҳтам соли 2017 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намуда, соли 2018 ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи ДМТ дохил шуд.

Дар давраи навиштани диссертатсия Сафарализода Далери Сайдаҳтам ҳамчун аспиранти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2020 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Раҳмон Дилшод Сафарбек, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Аз рӯи муҳокима хулосаи зерин қабул гардид:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои марказии илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шудааст.

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот аз сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи асолати фарҳанги ҳуқуқӣ, низоми ҳуқуқии миллӣ, манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти миллӣ аз таъсири манфии равандҳои ҷаҳонишавӣ сарчашма мегирад. Ҷаҳонишавӣ ба ҳамаи соҳаҳои муҳимми ҳаёти имрӯза, аз ҷумла ҳуқуқ, иқтисод, сиёсат, фарҳанг, коммуникатсия ва ғайра таъсир расонида, таҳдидҳо ва оқибатҳои он дар сиёсати дохилии давлат ва муносибатҳои байналмилалӣ ба назар мерасанд. Равандҳои ҷаҳонишавӣ тамоюлҳои мухолиф ва манфиро дар мамлакатҳои зиёд ба миён меоварад, ки онҳо бештар ба ҷорӣ намудани тарзи зиндагии ғарбӣ, фарҳанги ғарбиву аврупоӣ ва тафаккури бегона алоқаманд мебошанд.

Масъалаи таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва бунёди низоми ҳуқуқии миллӣ дар асоси арзишҳои миллии таърихиву фарҳангӣ дар меҳвари сиёсати доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Мубрамияти масъалаи мазкурро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарк намуда, чунин таъкид доштанд: «Вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ, ҳамчунин воридшавии мафкураи бегона ба зеҳни ҷомеа институтҳои илмиву таҳқиқотии Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ, Маркази таҳқиқоти стратегӣ, дигар марказҳои илмӣ ва кафедраҳои ҷомеашиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки ба таҳқиқу таблиғи масъалаҳои худшиносиву худогоҳӣ, ҳифзи арзишҳои миллии таърихиву фарҳангӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии демокративу дунявӣ, пойдории ваҳдат ва суботи ҷомеа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд». Ҳамчунин, дар раванди ҷаҳонишавӣ бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим» (8 июни соли 2007, №272) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2 августи соли 2011, №762), ки сирф хусусияти миллӣ доранд, дар бунёди низоми ҳуқуқи миллӣ бо назардошти арзишҳои миллии таърихӣ ва фарҳангӣ мусоидат менамоянд.

Ҷаҳонишавӣ тамоми кишварҳо ва ҷомеаҳоро фаро гирифта, аз таъсири манфии равандҳои он ҳеҷ давлате дар канор буда наметавонад. Аз ин рӯ, аз тамоми илмҳо, махсусан илми ҳуқуқшиносӣ тақозо карда мешавад, ки таҳқиқи масъалаи мазкурро дар доираи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ ва ҳуқуқии миллӣ анҷом диҳанд. Мавзӯи таҳқиқот идомаи мантиқии сиёсати ҳуқуқии пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи низоми ҳуқуқии миллӣ, манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти миллӣ аз таъсири манфии равандҳои ҷаҳонишавӣ мебошад.

Бо вуҷуди оне, ки дар Тоҷикистон мавзӯи мазкур муҳим ва рӯзмарра маҳсуб меёбад, аммо то ҳол таҳқиқоти илмии алоҳида ва бунёдӣ дар ин самт вуҷуд надорад. Паҳлӯҳои гуногуни он аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, аммо ҳеҷ яке аз олимони ватанӣ моҳиятан ба таҳқиқи илмии таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон кореро ба сомон нарасонидаанд. Бинобар ин, дар шароити Истиқлолияти давлатӣ ва густариши ҷаҳонишавӣ мавзӯи мазкур ҳамчун падидаи серпаҳлӯ ба таҳлили илмии амиқ ниёз дорад. Дар рисола падидаи мазкур ба таври назариявӣ, амалӣ ва аз диди таърихӣ таҳқиқ шудааст.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, аҳамиятнокии масъалаи таҳқиқи таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф ва таҳқику коркарди нокифояи илмии мушкилоти мазкур аз тарафи дигар, боиси интихоби мавзӯъ ва самти таҳқиқоти рисола гардиданд.

Муҳаққиқ мубрамияти амалии мавзӯъро чунин асоснок намудааст, ки ҷиҳати ҳифзи низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки сиёсати хориҷии кишвар бо назардошти дурнамои манфиатҳои миллӣ ва мустақилияти низоми ҳуқуқии миллӣ ба роҳ монда шавад. Равандҳои ҷаҳонишавӣ аз марҳилаи аввали татбиқи сиёсати хориҷӣ оғоз гардида, баъдан сиёсати дохилӣ ва унсурҳои таркибии онро ҳамчун ҳадаф қарор медиҳанд. Ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятии муосир, ҷаҳонишавии ҳуқуқиро чун раванди умумии ташаккулёбии низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ ба миён овардааст. Дар ин замина, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ ба ташкил намудани майдони ягонаи ҳуқуқ, азбайнравии тафовут миёни низомҳои ҳуқуқии миллӣ ва хусусияти якхела касб намудани онҳо мусоидат мекунанд. Вобаста ба ин зарур аст, ки нисбат ба манфиатҳои миллӣ ва фарҳанги миллӣ диққати зарурӣ дода шавад ва аз тасдиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ нестанд ва ба фарҳанги ҳуқуқӣ, одату анъанаҳои мардумӣ мувофиқат наменамоянд, худдорӣ карда шавад

Ба андешаи унвонҷӯ, мавҷуд набудани таҳқиқоти илмӣ-назариявии бунёдӣ оид ба масъалаи мазкур ва ҷой надоштани маҳзани мафҳумҳои коркарду таҳияшуда вобаста ба мавзӯи баррасишаванда мубрамияти рисоларо дучанд мегардонанд.

Сабаби асосии интихоби мавзӯи рисола, ҳалли мушкилоти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, танзими ҳуқуқии муносибатҳое, ки аз равандҳои ҷаҳонишавӣ сарчашма мегиранд ва баланд бардоштани нақши қонунгузории миллӣ нисбат ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ яке аз сабабҳои асосии интихоби мавзӯъ ба ҳисоб меравад.

Пажӯҳишгар мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро на танҳо бо талоши ҳалли

масъалаҳо дар самти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми ҳуқуқии миллӣ, балки бо он асоснок менамояд, ки мавзӯи мазкур бо масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зич алоқаманд мебошад.

Аз ин лиҳоз, таҳлилу таҳқиқи масъалаи таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир аҳамияти вижа дошта, барои фаҳмиши дурусти дурнамои минбаъдаи низоми ҳуқуқии миллӣ ҳиссаи арзанда мегузорад.

Рисоланавис таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми ҳуқуқии миллиро таҳлил намуда, онро падидаи мураккаб ва бисёрҷанбаи ҳуқуқӣ ҳисобидааст. Аз ин рӯ, дар шароити ҷаҳонишавӣ номукаммал будани доираи танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба технологияҳои муосири коммуникатсионӣ ва иттилоотӣ, шабакаҳои интернетӣ, ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ берун аз қаламрави давлат, мушкилоти соҳаи тиб, аз ҷумла бо таври механикӣ ва биологӣ сохтани инсон, ивазакунии узвҳои инсон ва дигар масъалаҳои ба он алоқаманд то ҳол баҳсбарангез аст.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия унвонҷӯ 10 мақолаҳои илмӣ ба табъ расондааст, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд, аз ҷумла:

1. Раҳмон, Д.С., Сафаралиев, Д.С. Ҷаҳонишавӣ ҳамчун ғоя ва заминаҳои таърихии пайдоиши он / Д.С. Сафаралиев. Д.С. Раҳмон // Ҳаёти ҳуқуқӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2019. – №1 (25) – С.5-14.

2. Сафаралиев, Д.С. Ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳлили назариявӣ-ҳуқуқӣ)» / Д.С. Сафаралиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2019. – № 3 – С. 235-240.

3. Сафаралиев, Д.С. Ҳимояи ҳуқуқии соҳибихтиёрии давлат дар раванди ҷаҳонишавӣ / Д.С. Сафаралиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2019. – № 4 – С. 221-220.

4. Сафарализода Д.С. Асосҳои ҳуқуқии ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавӣ / Д.С. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2020. – № 4 – С. 259-264.

5. Сафаралиев, Д.С. Заминаҳои ҳуқуқии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Д.С. Сафаралиев // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Конститутсия ва ҷавонон: имкониятҳои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ»

бахшида ба рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2018. – С. 7.

6. Сафаралиев, Д.С. Иқтисод дар раванди ҷаҳонишавӣ» / Д.С. Сафаралиев // Ҷавонони Тоҷикистон. – Душанбе, аз 01.11.2018. – № 44 (9574). – С. 5.

7. Сафаралиев, Д.С. Забони давлатӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ / Д.С. Сафаралиев // Ҷавонони Тоҷикистон. – Душанбе, аз 20.09.2018. – № 38(9568). – С. 9.

8. Сафаралиев, Д.С. Фарҳанг дар раванди ҷаҳонишавӣ» / Д.С. Сафаралиев // Ҷавонони Тоҷикистон. – Душанбе, аз 09.08.2018. – № 32 (9562). – С. 12.

9. Сафаралиев, Д.С. Соҳибихтиёрии давлат дар раванди ҷаҳонишавӣ / Д.С. Сафаралиев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ»). – Душанбе, 2019. – С. 123.

10. Сафаралиев, Д.С. Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавӣ / Д.С. Сафаралиев // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон). – Душанбе, 2019. – С.196-204.

11. Сафарализода, Д.С. Ҷаҳонишавӣ ва манфиатҳои миллии Тоҷикистон / Д.С. Сафарализода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон). – Душанбе, 2019. – С.183 – 190.

12. Сафарализода, Д.С. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва вазъи муосири ҳуқуқи инсон / Д.С. Сафарализода // Маводи II-юмини конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2019. – С.123 – 130.

13. Сафарализода, Д. Ифротгароӣ ва вазъи ҷаҳони муосир / Д.С. Сафарализода // Ҷавонони Тоҷикистон. – Душанбе, аз 16.07.2020. – № 29 (9663). – С. 9.

14. Сафарализода, Д. Сурату сирати фардои ҷомеа / Д.С. Сафарализода // Ҷавонони Тоҷикистон. – Душанбе, аз 20.08.2020. – № 34 (9668). – С. 11.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Сафарализода Далери Сайдаҳтам дар мавзӯи «Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудан ба дараҷаҳои илмӣ ва додани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Сафарализода Далери Сайдаҳтам дар мавзӯи «Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва

давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси №9/2 аз «4»-уми майи соли 2020.

Раиси ҷаласа: номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҷ. Саъдизода

Котиби ҷаласа: лаборанти кафедра О. Холиқова

Имзои Ҷ. Саъдизодаро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Э. Тавқиев